**«ТАСДИҚ ШУДААСТ»**

Бо қарори
Маҷлиси умумии
ТҶҶ «Афиф»
«20» декабри 2022 с.

# Нақшаи дурнамои
Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «Афиф»
барои солҳои 2023-2025.

**Мундариҷа**


1. Рисолати ташкилот
2. Шарҳи иҷрои нақшаи қаблӣ:
    - Ҳифзи саломатӣ
    - Пешниҳоди хизматрасонии мустақим
    - Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои баҳрагирандагон
    - Баланд бардоштани иктидори хизматрасонҳо:
        - Фаъолияти иттилоотӣ-маърифатӣ
        - Кӯмаки методологӣ
        - Дастгирии молиявӣ-техникӣ
    - Ҳамгироии хизматрасониҳо
    - Дигар самтҳои башардӯстона (гуманитарӣ)
3. Мушкилот ва таҷрибаи ба дастомада
4. Ҳолати эпидемиологӣ ва муҳити ҳуқуқӣ
5. Афзалиятҳо ва самтҳои асосии кор
6. Гурӯҳҳои мақсаднок ва баҳрагирандагон
7. Ҷуғрофияи фаъолият
8. Нақшаи молиявӣ ва устувории молиявӣ
9. Баҳогузории хатарҳо


## ***1. Рисолати ташкилот***

Кӯшишҳои Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии “Афиф” (ТҶҶ “Афиф”) ба амалигардонӣ ва ривоҷбахшии фаъолияти башардӯстонаи ҷамъиятии муфид бо роҳи иштирок дар татбиқи стратегияҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани сифати зиндагӣ, ҳифзи саломатӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, иттилоотонӣ ва огоҳонии аҳолӣ; таъмини ҳуқуқҳои шахсони гирифтори ВНМО, бемории сил, гепатитҳои вирусӣ, маҳкумшудагон ва аз ҷумла собиқ маҳкумшудагон, занони осебпазир, қурбониёни хушунати хонаводагӣ, мавриди табъиз ва тамғагузории ҷомеа қарор гирифтагон, тавсеаи дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои тиббӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва ҳуқуқӣ; таҳкими иқтидори ташкилотҳои шарик; таъсис ва таҳкими ҳамкории шабакавӣ ва бисёрҷониба; тарғиб ва амалигардонии барномаҳое, ки ба суботи иқтисодӣ нигаронида шудаанд; ҳифзи муҳити зист ва бехатарии экологӣ нигаронида шудааст.

## ***2. Шарҳи иҷрои нақшаи қаблӣ***

Аз моҳи январи соли 2020 то имрӯз Ташкилот фаъолияти худро дар асоси ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои асосии кори дар Нақшаи дурнамоии сеюм пешбинишуда амалӣ мегардонад. Тибқи нақшаи мазкур, баҳри пешгирии бемориҳои сироятӣ дар байни гурӯҳҳои калидии аҳолӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони аз ВНМО/сил

осебдида, истеъмолкунандагони маводи мухаддир, қурбониёни хушунати хонаводагӣ, маҳкумшудагон, аз ҷумла собиқ маҳкумшудагон, баланд бардоштани иқтидори шарикон, инчунин пешгирии паҳншавии сирояти коронавирус (COVID-19) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои ҳамаҷониба амалӣ гардидаанд ва идома доранд. Дар зер шарҳи мухтасари натиҷаҳои нисбатан назарраси фаъолияти Ташкилот дар давраи таҳлилшуда (2020-2022) оварда шудааст.

## Ҳифзи саломатӣ

Ташкилот дар соҳаи ҳифзи тандурустӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолии ҷумҳурӣ оид ба сирояти бемориҳо, тарғиби тарзи ҳаёти солим, омӯзонидани шарикон, ташхис, равонасозӣ ба табобат, дастгирии иҷтимоӣ, тиббӣ, равонӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ҳимояи ҳуқуқҳои гурӯҳҳои калидии аҳолӣ як қатор чорабиниҳоро амалӣ намуд. Чорабиниҳои мазкур дар давраи бемории ҳамагири COVID-19 анҷом дода шуданд.

Ба масоили пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занону духтарони дорои маъюбият ва ҳуҷҷатикунонии чунин далелҳо, инчунин ташаккули муҳити мусоиди иҷтимоӣ, ки тамғагузорӣ ва табъизро нисбати намояндагони гурӯҳҳои мақсаднок истисно мекунад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Дар маҷмӯъ бо чорабиниҳои пешгирикунанда 683940 нафар фаро гирифта шуд. (ниг. ба ҷадвали.1).

**Ҷадвали 1**

| № | Чорабинӣ | Шумора |
|---|---|---|
| 1. | Баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба ВНМО, бемории сил ва сирояти коронавирус. | 126800 нафар. |
| 2. | Омӯзишҳо/омӯзонида шуданд | 48/585 нафар. |
| 3. | Такмили ихтисоси кормандони тиб | 14 (мутахассиси низоми ислоҳӣ) |
| 4. | Машварат оид ба бемории сил, ВНМО, САҶИ ва масоили пайравӣ ба табобат. | 13302 нафар. |
| 5. | Машварати бархат дар сомонаи тиббию иттилоотии www.afif.tj | 1395 |
| 6. | Чорабинии адвокатсионӣ | 60 |
| 7. | Тахия ва нашри МИМ | 35644 нусха |
| 8. | Чорабинии иттилоотӣ оид ба дастгирии шахсони бо ВНМО зиндагӣ кунанда (ШВЗ) | 500 000 нафар (аҳолии умумӣ) |
| 9. | Иттилоотонӣ оид ба роҳ надодан ва пешгирии хушунат нисбат ба занон ва духтарони дорои маъюбият | 6000 нафар |

## Пешниҳоди хизматрасонии мустақим

Ташкилот бо мақсади таъмини дастрасии баробар ва одилонаи баҳрагирандагони лоиҳаҳои амалишаванда ба хизматрасониҳои тиббӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва дигар хизматрасониҳо пешниҳоди хизматрасонии мустақимро инкишоф дод, намудҳои хизматрасониро васеъ намуд ва низоми равонасозиро дар шабакаҳои шарикони минтақавӣ татбиқ намуд. Аз ҷумла, аз имкониятҳои сомонаи тиббию иттилоотии www.afif.tj барои маслиҳат додан ба мизоҷон оид ба масъалаҳои гуногуни ҳифзи саломатӣ фаъолона истифода бурда шуд. Нишондиҳандаи зерин дастовардҳоро дар самтҳои мазкур инъикос мекунанд:




Дар якҷоягӣ бо мутахассисони ВТҲИА ҶТ 1395 машварати бархат пешниҳод гардид:




### Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои баҳрагирандагон

Оид ба масъалаи ҳимояи ҳуқуқҳои аҳолии асосӣ ба ҳифзи саломатӣ ва кӯмаки иҷтимоӣ корҳои мақсаднок ва мунтазам иҷро гардиданд, ки ба беҳтарсозии дастрасии ГОА ба хизматрасониҳо оид ба пешгирӣ, табобат, нигоҳубин ва дастгирӣ дар ҳолати гирифторӣ ба ВНМО, бемории сил ва нашъамандӣ, инчунин ба ҳифзи саломатӣ дар низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ташаккули муҳити мусоиди иҷтимоӣ, ки тамғагузорӣ ва табъизро нисбат ба шахсони бо ВНМО зиндагикунанда истисно мекунад, пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занону духтарони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ ва дастгирии иҷтимоию ҳуқуқи онҳо, гуманизатсияи қонунгузорӣ дар соҳаи сиёсати зиддимухаддиротӣ ва ислоҳоти низоми ислоҳӣ равона гардидаанд.

**Ҷадвали 2**

| № | Чорабинӣ | Нафар |
|---|---|---|
| 1. | Баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба ҳуқуқҳои ШИМТ, | 37 |

| | | |
|---|---|---|
| | ШВЗ, беморони сил, маҳкумшудагон ва собиқ маҳкумшудагон, занони осебпазир, духтарону бонувони дорои маъюбият | |
| 2. | Таҳияи маводи иттилоотӣ маърифатӣ. Шумора/теъдоди умумии нашр | 16/35644 |
| 3. | Нашри қайдҳои иттилоотӣ ва тарғибӣ дар ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ | 136 |
| 4. | Ташкили ҷаласаҳои ГТК, мизҳои мудаввар, вохӯриҳои корӣ, ва мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ | 23 |
| 5. | Кӯмаки ҳуқуқӣ | 361 нафар аз ГОА |
| 6. | Кӯмаки иҷтимоӣ | 885 нафар аз ГОА |
| 7. | Тамошои навори кӯтоҳи иҷтимоии «Мо зери як офтобем» дар шабакаҳои телевизионӣ | 500 000 нафар. |
| 8. | Пешниҳоди натиҷаи кори ТҶҶ «Афиф» дар ҷаласаҳои КМҲ оид ба ВНМО, бемории сил ва малярия ва Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба сӯиистифодаи маводи мухаддир | 2 маротиба/61 нафар. |

**Баланд бардоштани иқтидори хизматрасонҳо**

Баланд бардоштани иқтидори шарикон дар се самти асосӣ сурат гирифт: фаъолияти иттилоотӣ-маърифатӣ, кӯмаки методологӣ ва дастгирии молиявию техникӣ.

***Фаъолияти иттилоотӣ-маърифатӣ***

- 14 корманди тиббии СРИҶҶ курсҳои такмили ихтисосро оид ба хусусиятҳои табобати беморони коронавирус ва истифодаи дастгоҳи сунъии нафаскашӣ барои бемориҳои гуногун дар шароити низоми иҷрои ҷазои ҷиноӣ хатм кард;
- 4 ҳамшираи низоми ислоҳӣ курсҳои бозомӯзии «Кори ҳамширагӣ дар ҷарроҳӣ»-ро хатм намуд;
- 13 мушовири баробар аз ТҒҲ «Амали нек», «СВОН Плюс», «Волонтер» ва «Афиф» оид ба пешниҳоди хизматрасониҳо ҷиҳати пешгирӣ, дастгирӣ, нигоҳубин ва табобати шахсони бо ВНМО зиндагикунанда дар шароити бемории ҳамагири COVID-19 омӯзонида шуд;
- 407 корманди низоми ислоҳӣ дониши худро оид ба сирояти коронавируси COVID-19 ва сироятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, чораҳои пешгирӣ ва бехатарӣ дар ҷои кор, ҳуқуқи маҳкумшудагон барои гирифтани ёрии аввалини тиббӣ дар муассисаҳои амбулаторӣ ва статсионарии низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ баланд бардошт;
- 40 рӯзноманигор ва блогер дониши худро оид ба инъикоси мавзӯи ВНМО бо дарназардошти масоили гендерӣ дар давраи бемории ҳамагири COVID-19 такмил дод;
- 20 коршиноси ташхиси тиббӣ оид ба ҳуҷҷатикунонии ҳолатҳои зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ нисбати занон ва духтарони дорои маъюбият дониши худро такмил дод;

- 18 корманди ташкилотҳои ҷамъиятие, ки оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила кор мекунад, малакаҳои худро оид ба ҳуҷҷатикунонии далелҳои зӯроварӣ нисбати занону духтарони дорои маъюбият ва расонидани кӯмак ба онҳо дар раванди тафтишот такмил дод;
- 82 нафар корманди Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ оид ба паст кардани сатҳи тамғагузорӣ ва табъиз нисбати одамони гирифтори бемории сил ва аҳолии асосӣ дониш ва малакаҳои амалӣ гирифт;
- 30 мутахассиси СРИҶҶ ВА ҶТ ва 42 нафар корманди саҳроӣ ва иҷтимоӣ оид ба алгоритми ошкор намудани бемории сил, мусоидат ба оғози табобат ва пайравӣ ба табобати бемории сил омӯзонида шуда, малакаи худро оид ба расонидани кӯмак дар доираи барномаи дастгирии иҷтимоии беморони сил такмил дод;
- Сатҳи огоҳии 20 нафар ҳуқуқшинос оид ба масъалаҳои ҳуқуқии марбут ба бемории сил/COVID-19, ҳуқуқи инсон ва гендер баланд гардид;
- 2 сафари омӯзишӣ оид ба интиқолу табодули таҷриба ва омӯзиши таҷрибаи пешқадам бо иштироки 15 мушовир/корманди саҳроӣ (2 боздид/15 иштирокчӣ) гузаронида шуд.
- Зимни 21 сафари мониторингӣ ва вохӯриҳо/машваратҳои бархат ба шарикон дастгирии методӣ ва роҳнамоӣ расонида шуд.

***Кӯмаки методологӣ***

Ба таҳия ва коркарди зеринҳо мусоидат карда шуд:

- фармоиши СРИҶҶ Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 5-2546 аз 14 октябри соли 2020 оид ба танзими корҳо оид ба пешгирӣ ва коҳиш додани хатари паҳншавии сирояти нави коронавирус ва таъмини ҳуқуқҳои маҳкумшудагон ба гирифтани ёрии асосии тиббӣ;
- дастури методии «Эпидемиология, тартиби бақайдгирӣ, муоинаи диспансерӣ, чораҳои пешгирӣ ва табобати гепатити вирусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (бо фармони ВТҲИА ҶТ аз 5 августи соли 2020 таҳти № 590 тасдиқ шудааст);
- дастур оид ба назорати бемории сил дар муассисаҳоиислоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дастурҳо оид ба таъмини муносибати ҳамаҷонибаи бисёрсоҳавӣ ҳангоми нигоҳубини шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар шароити бемории ҳамагири COVID-19;
- дастурамал барои коршиносони судӣ ва тиббӣ оид ба расонидани кӯмак ба занону духтарони дорои маъюбият ва ҳуҷҷатикунонии далелҳои зӯроварӣ тибқи меъёрҳои Протоколи Истамбул;
- дастурамал барои кормандони ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба расонидани кӯмак ба занон ва духтарони дорои маъюбият.

***Дастгирии молиявӣ - техникӣ***

Дар давраи солҳои 2020-2022 Ташкилот ба шарикон ба маблағи умумии 2 720 985,88 сомонӣ кӯмаки молиявӣ ва техникӣ расонид:

**Ҷадвали 3**

| № | Номи ташкилот | Намуди дастгирӣ | Маблағ бо сомонӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | ТҶ «Бузург» | Хизматрасонӣ оид ба машварат ва таҳлили оҷилии ВНМО | 46794,31 |
| 2. | ТҶ «Волонтер» | | 46794,31 |
| 3. | ТҶ «СВОН Плюс» | | 46794,31 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4. | ТҶ «ВИТА» | | 62650,83 |
| 5. | ТҶ «Амали нек» | | 46794,31 |
| 6. | ТҶ «ВИТА» | пешгирӣ, дарёфт, нигоҳубин ва дастгирии беморони сил дар низоми ислоҳӣ | 555668,52 |
| 7. | ТҶ «Амали нек» | | 412618,45 |
| 8. | Раёсати тиббии СРИҶҶ ВА ҶТ | Пешгирии паҳншавии сирояти коронавируси COVID-19 | 677030,00 |
| 9. | Кумитаи ҳолатҳои фавқулоддаи ҶТ | | 27950,00 |
| 10. | Вазорати корҳои дохилии ҶТ (Раёсати экологӣ ва сайёҳии ВКД ҶТ, Академияи ВКД, Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Сино, ОМОН, Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе) | | 52805,00 |
| 11. | Бахши тиббию санитарии ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | | 41000,00 |
| 12. | Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил | | 3996,00 |
| 13. | Раёсати тиббии СРИҶҶ ВА ҶТ | Ислоҳоти соҳаи тандурустии низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | 310201,50 |
| 14. | ТҶ “Мӯниси Дил” | Таҷҳизоти тиббӣ барои занону духтарони дорои маъюбият | 54021,33 |
| 15. | ТҶ “Мумтоз” | | 63438,18 |
| 16. | ТҶ “ Дилафрӯз” | | 55450,90 |
| 17. | ТҶ “Заршедабону” | | 55195,20 |
| 18. | ТҶ “Умед” | | 62058,64 |
| 19. | ТҶ “Гулрухсор” | | 41952,85 |
| 20. | ТҶ “Ноил” | | 19542,24 |
| 21. | ТҶ “Иштирок” | | 22751,95 |
| 22. | Намояндагии ТҶҶ “Афиф” | | 15477,05 |
| 23. | **ҶАМЪ** | | **2 720 985,88** |

**Ҳамгироии хизматрасониҳо**

Ташкилот ба рушди минбаъдаи ҳамгироии хизматрасонӣ дар соҳаи тандурустӣ бавоситаи амалҳои зерин саҳми муайян гузоштааст:

- таъмини фаъолияти мунтазам оид ба пешгирӣ ва табобати ВНМО ва сил дар давраи бемории ҳамагири COVID-19. Бо ин мақсад дар заминаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ гурӯҳҳои кормандони аутричи омӯзонидашуда (мушовирони баробар) ташкил карда шуданд, ки ба марказҳои мубориза бо БПНМ ва хадамоти бемори сил дар таъмини доруворӣ ба ШВЗ ва гирифторони бемории сил, ки бинобар маҳдудият ва чораҳои карантинӣ аз нуқтаҳои қабули ТЗР ва доруворӣ зиддисилӣ канда шуданд, кӯмак расониданд. Ин гурӯҳҳо байни беморон корҳои иттилоотӣ оид ба риояи қоидаиҳои стандартии бехатарӣ ва речаи худчудокунӣ гузарониданд ва дар ҳолатҳои зарур ба беморон барои гузаштани ташхиси COVID-19 кӯмак карданд;

-ташкили гурӯҳҳои гуногунсоҳа аз ҳисоби мутахассисони марказҳои БПНМ, бемории сил ва мушовирони баробар, ки оид ба пешгирӣ ва табобати сирояти ВНМО ва бемории сил машварат медиҳанд;

-расонидани машваратҳои бархат дар якҷоягӣ бо мутахассисони соҳаи тиб бо истифода аз имкониятҳои сомонаи иттилоотию тиббии www.afif.tj . Дар маҷмӯъ 1395 машварат дода шуд;

- гузаронидани 7734 машварат ва ташхиси ВНМО, ки натиҷаи он ба омори давлатии тиббӣ дохил карда шудааст;

- гузаронидани 33031 скрининг барои муайян намудани аломатҳои бемории сил дар байни намояндагони гурӯҳҳои мақсаднок дар якҷоягӣ бо мутахассисони хадамоти мубориза бо бемории сил.

### Дигар самтҳои башардӯстона

Солҳои 2020-2022 Ташкилот ҳам дар соҳаи анъанавӣ, ки бо ҳифзи тандурустӣ вобаста аст, ва ҳам дар дигар соҳаҳои фаъолияти башардӯстона - беҳдошти об, омӯзиши касбу ҳунар ба ГОА, ҳифзи осор ва ёдгориҳои таърихӣ, дастрасии духтарон ва занони дорои маъюбият ба адолати судӣ, ислоҳот дар низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, таҳкими таҷҳизоти техникии қисмҳои тиббии маҳбасҳо, пешгирии бемории COVID-19 ва бехатарӣ дар ҷои кор фаъолона пешниҳодҳои лоиҳавиро таҳия намуд. Дар маҷмӯъ 27 пешниҳоди лоиҳавӣ таҳия ва ба донорҳо фиристода шуд, ки 13-тои онҳо барои роҳандозӣ тасдиқ гардид. Аммо бо сабаби норасоии захираҳои инсонӣ, сарбории зиёди кории кормандон ва набудани таҷриба ва таҳлили зарурӣ, Ташкилот натавонист, ки масъалаҳои ба дигар соҳаҳои имконпазири фаъолият марбутро, аз ҷумла: беҳдошти ғизо, бехатарии роҳ, таъсири тағйирёбии иқлим ба саломатии инсон, ҳифзи муҳити зист, экология ва ғайраро баррасӣ намояд. Бинобар ин, Ташкилот дар оянда иштироки худро дар таҳияи лоиҳаҳои башардӯстона бодиққат фикр карда, мутаносибан ва оқилона ба нақша мегирад.

## 3. ***<u>Мушкилот ва таҷрибаи бадастомада</u>***

### Бемории ҳамагири COVID-19

Ташкилотро зарур омад, ки бар асари бемории ҳамагири COVID-19 ба шакли нави кор - фосилавӣ гузарад. Ин аз сари нав ташкил кардани тамоми раванди кор, аз ҷумла фаъолияти таълимиро талаб мекард. Пеш аз ҳама лозим буд, ки аз воситаҳои техникии ҳозиразамон истифода бурда шавад, инчунин алоқаи устувори доимӣ ва шароити бехатари корӣ зарур буд. Ҳамзамон, бемории ҳамагир тими кормандонро ба кори фосилавӣ, риояи чораҳои назорати сироятӣ ва бехатарӣ дар ҷои кор, инчунин истифодаи ин таҷриба дар фаъолияти ояндаро омӯзонид.

### Табъиз ва доғгузорӣ

Ақидаҳои манфӣ ва муомилаи ноодилона нисбат ба шахсони бо ВНМО ва бемории сил зиндагикунанда на танҳо ба ГОА, балки ба тамоми ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад, зеро дар роҳи амалӣ намудани пешгирии самараноки бемориҳои сироятӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим монеаҳои ҷиддӣ ба вуҷуд меоваранд. Мутаассифона, чунин далелҳо на танҳо дар байни ҷомеаи оддӣ, балки дар корхонаву муаасисаҳо — аз ҷумла, дар ҷои кор, дар муассисаҳои тиббӣ, маҳбасҳо, муассисаҳои таълимӣ ва хизмати маишӣ ҳам дида мешаванд. Ҳамин тариқ, тамғагузорӣ ва табъиз боиси поймол шудани ҳуқуқҳои инсон ба саломатӣ, шаъну шараф, дахолатнопазирӣ ва баробарӣ дар назди қонун мегардад.

Солҳои охир талабот ба пешниҳоди маълумотнома оид ба набудани доғи судӣ ҳангоми ба кор қабул шудан сахттар шудааст. Бинобар ин, намояндагони ГОА аз ҷумлаи собиқ маҳкумшудагон бо вуҷуди бардошта шудани доғи судӣ низ кор ёфта наметавонанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, татбиқи барномаҳо баҳри мубориза бо тамғагузорӣ дар сатҳи коргоҳ ва ҷомеа, ташвиқ кардани воридсозии тағйирот ба қонун ва

сиёсате, ки ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони гирифтори ВНМО-ро аз табъиз пешбинӣ мекунад, зарур аст.

**Пеш аз мӯҳлат анҷом ёфтани лоиҳаҳо ва нишондиҳандаҳои нақшавии беасоси лоиҳавӣ**

Зимни амалигардонии лоиҳаҳо Ташкилот бо ҳодисаҳои яктарафа тағйир додани ӯҳдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби донор, сипас пеш аз мӯҳлат ба итмом расонидани худи лоиҳа, инчунин беасос зиёд кардани нишондиҳандаҳои нақшавии лоиҳа, ки боиси коҳиш ёфтани буҷаи Ташкилот ва дар натиҷа кам шудани штати корӣ дучор омад. Ин, дар навбати худ, ба имкониятҳои Ташкилот дар бобати босифат ва сари вақт амалӣ гардонидани тамоми чорабиниҳои банақшагирифташуда таъсир расонда, сарбории кори кормандонро зиёд кард ва боиси хастагии рӯҳии онҳо гардид.

Бахри пешгирии чунин падидаҳои номатлуб дар оянда Ташкилот минбаъд муқаррароти созишномаҳои грантиро амиқтар омӯхта, шарту тартиби пеш аз мӯҳлат қатъ кардани шартномаҳо ва тартиби иҷро кардани нишондиҳандаҳои нақшавии дар онҳо зикршударо муфассал дида мебарояд.

## 4. ***Ҳолати эпидемиологӣ ва муҳити ҳуқуқӣ***

**Бемории сил** чун пештара ҳамчун хатари асосӣ ба саломатии ҷомеаи Тоҷикистон боқӣ мемонад ва сатҳи беморшавӣ ба он то ҳол баланд аст. Тибқи маълумоти Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ соли 2021 дар Тоҷикистон гирифторӣ ба бемории сил 61,4 нафар ба ҳар 100 ҳазор нафар аҳолиро ташкил додааст. Дар байни беморони нав ба қайд гирифташуда 49%ро занон ва 51 %ро мардон ташкил медиҳад. Тақрибан аз се ду ҳиссаи (61,5%) ҳамаи ҳолатҳои нави беморшавӣ ба бемории сил ба гурӯҳи синну соли 15 - 44 рост меояд.[1]

***Ҳолати беморӣ дар маҳбасҳо:*** Бемории сил дар маҳбасҳо то ҳол як мушкили хеле мубрам боқӣ мемонад. Нишондиҳандаи беморӣ дар маҳбасҳо чунин аст: 1008 нафар бемор ба 100 ҳазор нафар маҳбус.

***Бемории сил байни муҳоҷирон:*** дар Барномаи миллии ҳифзи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 муҳоҷирони корӣи тоҷики ба ватан баргашта чун яке аз гурӯҳҳои калидӣ/ осебпазири аҳолӣ муайян карда шудаанд. Вақтҳои охир ҳиссаи муҳоҷирон дар байни ҳолатҳои нав ба қайд гирифташудаи бемории сил то 13% кам шудааст.

***Бемории ҳамрадифи Сил/ВНМО:*** бемории сил/ВНМО – яке аз ҳолатҳои маъмултарини сироятҳои муштарак ва сабаби асосии марги одамони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда мебошад. Аз соли 2019 то соли 2021 шумораи гирифторони бемории сил, ки дар онҳо ВНМО ташхис шудаат, ба таври назаррас коҳиш ёфтааст (мутаносибан аз 154 то 96 нафар).

***ВНМО***: ба ҳолати 1 январи соли 2022 шумораи умумии расман ба қайд гирифташудаи ҳолатҳои гирифторӣ ба вируси норасоии масунияти одам дар кишвар 13992 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин шумора 8918 нафар (63,7%) мардон ва 5074 нафар (36,3%) занон мебошанд[2].

[1] Маълумоти Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил "Гирифторӣ ба бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2006-2021".

[2] Маълумоти маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо БПНМ "Ҳолати эпидемиологии ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 1991-2021 дар муқоиса бо солҳои 2020 ва 2021".

Паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар саросари кишвар 83,7 нафарро ба ҳар 100 ҳазор нафар аҳолӣ ташкил дод. Соли 2021 ин вирус асосан бо роҳи алоқаи ҷинсӣ - 82% ва сӯзандору - 11% сироят шудааст.
Тибқи пажӯҳишҳо, паҳншавии вируси норасоии масунияти бадан дар байни шахсони дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ қарор дошта 2,6% -ро ташкил медиҳад.

**Бемории ҳамагири** сирояти нави коронавируси COVID-19 ба тамоми низоми расонидани ёрӣ вобаста ба пешгирӣ, нигоҳубин, табобат ва дастгирӣ ҳангоми ВНМО ва бемории сил таъсир расонд. Бо дарназардошти шароити наве, ки бар асари бемории ҳамагир ба вуҷуд омад, қарорҳои таъхирнопазири роҳбарикунанда ва ташкилӣ оид ба расонидани ёрии сифатнок ва самаранок дар тамоми марҳилаҳои табобат қабул карда шуданд.

**Хушунат дар оила:** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мусоидат ба рушди баробар ва одилонаи мардону занон кӯшишҳои худро тавассути таҳкими заминаи қонунгузорӣ ва татбиқи сиёсати пайгирона, аз ҷумла сиёсати гендерӣ тақвият хоҳад дод. Аммо, сарфи назар аз тадбирҳои андешидашуда дар ҳаёти рӯзмарраи оилаҳо то ҳол мушкилоте ҷой доранд, ки бояд ҳалли худро ёбанд. Мушкилоти асосӣ ин мавҷудияти таассуб ва андешаҳои шахшудамонда оид ба ҳуқуқи зан дар ҷомеа, инчунин мавҷудияти зӯроварӣ нисбат ба занон ва фарзандони онҳо мебошад. Мушкилоти мазкур зиндагии ҳамаи аъзоёни оиларо хеле душвор гардонида, ҳатто боиси пошхӯрии оила ва содиршавии дигар кирдорхои номатлуб шуда метавонад. Дар нимаи аввали соли 2022 ба Кумитаи кор бо занон ва оила 4059 шикоят ба қайд гирифта шудааст, ки 478-тои он дар мавриди хушунати хонаводагӣ мебошад[3]. Дар соли 2021 Дар Тоҷикистон 518 ҳодисаи *худкушӣ ва сӯиқасд ба худкушӣ* сабт шудааст, ки сабабҳои аслии он хушунати хонаводагӣ ва вазъи ноустувори молиявӣ мебошанд.

**Занони дорои маъюбият:** Соли 2021 дар Тоҷикистон беш аз 150 ҳазор нафар маъюб ба қайд гирифта шудааст, ки 52 дарсади онҳоро занону духтарон ва 28 ҳазор нафарро кӯдакони то 18-сола ташкил медиҳанд[4]. Дар муқоиса бо соли 2020, ин рақам тақрибан 4000 нафар зиёд гардидааст. Занони дорои маъюбият аксар вақт вобаста ба аломатҳои ҷинсӣ ва аломатҳои маъюбӣ ба табъиз ва зӯроварӣ дучор мешаванд. Занону духтарони дорои маъюбият ба дастрасӣ ба таҳсил, омӯзиш, соҳиби ҷои кор шудан, мутобиқшавӣ ба муҳити зист ва инфрасохтор, таъсиси марказҳои махсуси тавонбахшӣ, барқароршавӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ ба ҷомеа ниёз доранд.

**Муҳити ҳуқуқӣ:** Имрӯз дар сиёсати ҷиноӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли пурзӯртар намудани ҷазо ва баланд бардоштани масъулияти ҷиноӣ барои қонуншиканиҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо мушоҳида мешавад. Кодекси Меҳнат дар ҳолати мастӣ ба кор ҳозир шудан, дар ҳолати мастӣ аз нашъа ё дигар моддаҳои токсикӣ қарор доштанро дар ҷои кор дағалона вайрон кардани интизоми меҳнат (қисми 17 моддаи 1) меҳисобад. Ин асос шуда метавонад, ки бо ташаббуси корфармо (қисми 6 банди 1 моддаи 42) шартномаи корӣ қатъ карда шавад ё корманд аз вазифа холӣ карда шавад. Ин нуқтаҳо нисбат ба одамоне, ки табобати ҷойивазкунанда мегиранд, имконияти табъизро ба вуҷуд меоранд, зеро вазъи онҳоро метавон ба ҳолати "мастӣ аз маводи мухаддир" рабт дод.

Дар Тоҷикистон барномаҳои ивази сӯзандору амал мекунанд. Ҳарчанд доштани асбоб барои истифодабарии маводи мухаддир тибқи қонун ғайриқонунӣ нест, аммо аз рӯи

---

[3] https://t.me/asiaplus/40320
[4] https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20210331/v-tadzhikistane-reshili-sozdat-ravnie-so-vsemi-usloviya-dlya-invalidov

назария ташкилотҳое, ки ин барномаҳоро амалӣ мекунанд, метавонанд расман ба моддаи «Моил кардан ба истеъмоли воситаҳои нашъадор (КҶ, моддаи 203) ё моддаи «Ташкил ё нигаҳдошти фасодхона барои воситаҳои нашъадор» (КҶ, моддаи 205) дохил шаванд. Илова бар ин, чунин ташкилотҳо метавонанд ба нигоҳдории маводи мухаддир муттаҳам шаванд, зеро сӯзандоруҳое, ки онҳо барои безараргардонӣ ҷамъоварӣ мекунанд, метавонанд дорои як миқдор (боқимонда) ҳероин бошанд.

Дар муассисаҳои ислоҳӣ табобати иҷбории машҳкумшудагоне, ки аз моддаҳои таъсири психоактивидошта вобастагӣ доранд, гузаронида намешавад ва ё расман гузаронида мешавад. Барои маҳкумшуда аз ҷониби додгоҳ таъин намудани табобати маҷбурӣ ҷазои иловагӣ мебошад, зеро он имкони дар колонияи сукунат адои ҷазо кардан, ё ҳаракати бидуни назорати посбонон ва шахси ҳамроҳикунандаро пешгирӣ мекунад. Табобати алтернативӣ дар қонун пешбинӣ нашудааст.

Ҳамаи ГОА бояд оид ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» аз 19 июли соли 2022, таҳти рақами 1890 иттилоъ гиранд ва нуктаҳои ин қонун, пеш аз ҳама оид ба ҳуқуқ ва масъулият ҳангоми вайрон кардани қонуни мазкур аз ҷониби сохтору ташкилотхои дахлдор ба онҳо фаҳмонида шавад.

## ***5. Афзалиятҳо ва самтҳои асосии кор***

Бо дарназардошти таҳлили ҳолат ва тамоюлҳои ҷории самтҳои башардӯстона, таҷрибаи ба дастомада ва сабақҳои омӯхташуда, Ташкилот дар солҳои 2023-2025 фаъолияти зеринро идома медиҳад:

- тавсеа ва таҳкими ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, байналмилалӣ, оҷонсиҳои донорӣ, сохторҳои соҳибкорӣ, шахсони воқеӣ, коршиносони мустақил;
- амалӣ намудани барномаҳо ва лоиҳаҳо дар соҳаи **ҳифзи саломатӣ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим, коҳиш додани зарар, дастгирии иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи бемориҳои сироятӣ, пешгирии зӯроварӣ дар оила, таъмини дастрасии одамони мавриди хушунат қарордошта ба адолати судӣ, кӯмаки иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва афроди дорои маъюбият, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии гурӯҳҳои калидии аҳолӣ, паст кардани тамға ва табъиз нисбати шахсони аз эпидемия зарардида, ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳифзи тандурустӣ дар маҳбасҳо**;
- таваҷҷуҳ ба масоили **баланд бардоштани иқтидори ташкилотҳои шарик ва амиқсозии равандҳои ҳамгироӣ, аз қабили мониторинги муштарак, машваратҳо, скринингҳо, МИТ, нигоҳубин, дастгирӣ ҳангоми табобати ВНМО, бемории сил ва ғайра**;
- истифода аз салоҳияти **шӯроҳои ГОА ва тими бисёрсоҳавӣ** барои таҳия ва татбиқи ҳамкориҳои байни бахшҳо оид ба масъалаҳои тандурустии ҷамъиятӣ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим;
- иттилоъ додан ба оммаи васеъ оид ба чораҳои пешгирии **сирояти нави коронавирус** ва таъмини **ҳифзи кормандони Ташкилот ва баҳрагирандагони** лоиҳаҳои амалишаванда аз сирояти эҳтимолӣ;
- корбарӣ оид ба такмили минбаъдаи **сомонаи тиббию иттилоотии** www.afif.tj бо мақсади таъмини **дастрасии баробар ва васеъ ба хизматрасониҳои иттилоотӣ ва машваратӣ,** ки ба беҳтар намудани сифати зиндагии мардум нигаронида шудаанд;
- истифодаи имконияти шабакаҳои иҷтимоии машҳур (Фейсбук, Инстаграм, Телеграм, Тик-ток, Вконтакте ва ғ.) барои шиносонидани симои ташкилот дар ҷомеа, боло бурдани обрӯ ва бренди ташкилот ва васеъ кардани аудиторияи мақсаднок;

- такмил додани **воситаҳои баҳогузорӣ ва меъёрҳои сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда** ба аҳолӣ, ворид кардани **механизми назорати дохилӣ** барои муайян кардани дастрасӣ, боваринокӣ ва самаранокии хизматрасониҳо дар доираи лоиҳаҳои амалишаванда;
- иштирок кардан дар пешбурди ғояи соҳибкории иҷтимоӣ ва худмашғулияти ГОА, ки сифати зиндагӣ ва дастрасии онҳоро ба ғизои беҳтар, таҳсил, тандурустӣ ва дигарҳо баландтар мебардорад.

Бо дарназардошти воқеияти имрӯза, тағйирёбии ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва муҳити ҳуқуқӣ дар кишвар, Ташкилот минбаъд чораҳои нисбатан самараноктар меандешад, ки ба зеринҳо равона гардидааст:

- мукаммалгардонии расмият ва тартибот, ки фаъолияти Ташкилотро ба танзим медарорад;
- дигаргунсозӣ (оптимизатсия)-и **сохтори ташкилӣ** ва ислоҳи саривақтии **ҷадвали штатӣ**;
- **тағйирдиҳии** мунтазам (ҳарсола)-и тарифҳои татбиқшаванда ва ба ҳолати воқеии иқтисодӣ ва сатҳи нархгузорӣ дар кишвар мувофиқ кардани он;
- пайгирии мунтазами **азхудкунии воситаҳои пулӣ,** таъмини **банақшагирӣ ва пешгӯии молиявӣ дар ҳар семоҳа**;
- давра ба давра **замонавӣ кардани таҷҳизот ва техникаи корхона**;
- таҳия ва ба Кодекси одоби корманд ворид кардани **алгоритми кор дар шароити карантинӣ**;
- ба талаботи қонунгузории ҷории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ кардани шартномаҳои кории кормандон;
- таъмини **шароити бехатари кор** (суғуртакунӣ, дастурдиҳӣ оид ба бемории сил, воситаҳои ҳифз, айнакҳои компютерӣ ва монанди инҳо), **ҳифзи саломатӣ ва пешгирии бемориҳои сироятӣ** байни кормандон.

Захираҳои инсонӣ ҷузъ ва дороии асосии Ташкилот буда, фаъолияти бомуваффақияти ҳар коргоҳ аз онҳо вобаста аст. Ташкилот бо дарки аҳамияти баланди иқтидори меҳнатӣ, маълумот, тахассус, дониш ва малакаи кормандон дар радифи чораҳои болозикр кӯшишҳои худро ба нигоҳдории кормандони калидӣ ва ташкили **шароити беҳтарини меҳнат** равона месозад, хусусан:

- нигоҳдории музди кории рақобатпазир бо индексатсияи ҳарсола дар ҳаҷми таварруми миёнаи солона;
- таҳия ва роҳандозӣ кардани низоми мукофотдиҳӣ ва ҳавасмандкунии кормандон. Бо ин мақсад гузаронидани озмуни ҳарсола таҳти унвони “Корманди беҳтарин” таҷриба мешавад ва ғолиби озмун соҳиби мукофоти пулӣ ва нишони сайёр мегардад;
- тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.25.2017, № 34 "Дар бораи тартиб ва андозаи хароҷоти маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ барои табобати санаторию курортӣ, ташкили истироҳати кормандон ва аъзои оилаи онҳо ва чорабиниҳои солимгардонию пешгирикунанда дар корхонаҳо», кормандон имкон доранд, ки ҳамасола аз ҳуқуқи худ ба **табобати ройгони санаторию курортӣ** дар ҳудуди Тоҷикистон истифода баранд. Ба ҳисоби миёна, дар як сол тақрибан 5000,00 сомонӣ барои табобати санаторӣ-курортӣ аз ҳисоби суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба нақша гирифта шудааст;
- мувофиқи натиҷаҳои аттестатсияи солона, ҳамаи кормандоне, ки баҳои мусбат гирифтанд, соҳиби **мукофоти пулии якдафъаина** шуда метавонанд;
- барои **пешгирии аломати хастагии рӯҳӣ** вохӯриҳои ғайрирасмӣ ва сайругашт дар табиат идома дода мешавад;

- бо ҷалби мутахассис омӯзиш оид ба расонидани ёрии аввалини тиббӣ (то омадани табиб) ташкил мекунад, ки як ҷузъи омӯзиши кормандон ба малакаҳои ҳифзи тандурустӣ мебошад;
- кӯшиш ва азми кормандон баҳри омӯзиш ва азхудкунии донишҳои иловагӣ, ки ба фаъолияти корӣ лозим аст, дастгирӣ карда мешавад.

## 6. ***Гурӯҳҳои мақсаднок ва баҳрагирандагон***

Чорабиниҳои ТҶҶ "Афиф" ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти тиббӣ-равонӣ, иҷтимоӣ-маишӣ ва ҳуқуқии гурӯҳҳои калидии аҳолӣ равона карда мешаванд. Ҳамзамон, диққати махсус барои кор кардан бо шахсони бо ВНМО, бемории сил, ВНМО/бемории сил зиндагикунанда, истеъмолкунандагони маводи мухаддир, муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, шахсони бекор, модарони танҳо, кӯдакон, ятимон, ҷавонон, занон ва духтарони дорои маъюбият ва дигарон дода мешавад.

## 7. ***Ҷуғрофияи фаъолият***

Дар се соли минбаъда, ҳангоми интихоби минтақаи фаъолият диққати асосӣ ба такмили дастрасии ҳамаҷонибаи умумӣ ба хизматрасониҳои пешгирикунанда ва табобатӣ ба гурӯҳҳои калидии аҳолӣ равона карда мешавад. Ин минтақаҳо шаҳрҳо ва ноҳияҳое хоҳанд буд, ки вазъияти номусоиди эпидемиологӣ ва / ё дастрасии маҳдуд ба иттилоот, норасоии воситаҳои ҳифзи саломатӣ ва дастгирии иҷтимоӣ доранд.

## 8. ***Нақшаи молиявӣ ва устувории молиявӣ***

Ҷузъи муҳимтарини фаъолияти Ташкилот ин таъмини устувории молиявии он мебошад. Қоидаҳои асосии ин кор ба ҳадафмандӣ, муназзамӣ ва муҷтамаъ будани фаъолият асос ёфтааст. Ба ибораи дигар, механизми идоракунии устувории молиявӣ бояд ноилшавӣ ба ҳадафи некӯаҳволии молиявӣ, устувории афзоиши захираҳо, инчунин арзёбии вазъи молиявӣ, таҳрир кардани чорабиниҳо ва пешгӯии воридшавии воситаҳои молиявиро дар оянда таъмин намояд. Барои иҷрои ин вазифа, Ташкилот зеринҳоро амалӣ хоҳад кард:

- **таҳияи нақшаи ҳарсолаи молиявӣ;**
- **пешгӯии даромад ва хароҷоти воситаҳои пулӣ дар ҳар семоҳа;**
- **баҳогузории ҳармоҳаи ҳолат ва ҷараёни азхудкунии воситаҳои пулӣ;**
- **ташкили афзоиши маблағҳои захиравӣ дар сатҳи 8-10% аз маблағи хароҷоти мустақим.**

Ташкилот баҳри таъмини рушди устувор дар давраи миёнамӯҳлат саъй хоҳад кард, ки лоиҳаҳоро бо буҷаи **3 700 000 сомонӣ дар як сол** ба даст орад. Дар ин сурат Фонди солонаи музди меҳнат ба ҳисоби миёна **1 560 000 сомонӣ** ва афзоиши воситаҳои захиравӣ **на камтар аз 200 000 сомониро дар як сол** ташкил хоҳад дод.

Тавре дар боло зикр гардид, Ташкилот бо дарназардошти рақобати баланд дар соҳаи тандурустӣ, пешниҳоди донорҳо ва довталабони эҳтимолиро назорат мекунад, инчунин бо ҷалби мушовирон ва коршиносони беруна дар самтҳои гуногуни башардӯстона пешниҳодҳои лоиҳавӣ омода мекунад. Барои таблиғ ва баланд бардоштани обрӯ ва нуфузи Ташкилот дар байни ҷомеа ва донорҳои эҳтимолӣ аз имкониятҳои сомонаи иттилоотию тиббии www.afif.tj ва дигар технологияҳои муосири иртибототӣ истифода мешаванд. Бо ин мақсад ташкили вохӯриҳои тиҷоратӣ, баргузории муаррифиҳо, таҳия ва паҳн намудани маҳсулоти таблиғию имиҷӣ, нашри мақолаҳо дар бораи фаъолияти Ташкилот ва қиссаҳои муваффақияти аудиторияи мақсадноки лоиҳаҳо идома хоҳад ёфт. Бо мақсади таъмин намудани шарти шаффофият ва ошкорфаъолиятӣ, пайдоиши андешаи

мусбӣ оид ба кори Ташкилот дар ҳар 2 сол **гузаронидани аудити мустақили молиявӣ** дар назар аст, ки натиҷаҳои он дар захираҳои иттилоотии Ташкилот дар дастрасии озод мебошанд.

**Ҷадвали 4. Пешгӯии воридшавии воситаҳои пулӣ дар солҳои 2023-2025 (ҳисобҳо дар асоси лоиҳаҳои фаъол ва пешниҳодҳои лоиҳавии таҳияшуда ва ба донор фиристода шуда омода шудаанд)**

| Солҳо | Буҷаи умумӣ | Хароҷоти барномавӣ | Хароҷоти маъмурӣ | Музди меҳнат |
|---|---|---|---|---|
| 2023 | 4 222 217 | 3 365 015 | 857 202 | 1 544 960 |
| 2024 | 4 235 199 | 3 218 748 | 1 016 451 | 1 822 032 |
| 2025 | 3 057 109 | 2 231 690 | 825 418 | 1 315 202 |
| **Ҷамъ** | **11 514 524** | **8 815 453** | **2 699 071** | **4 682 193** |

**Пардохти андоз**

Дар солҳои 2023-2025 пардохти андоз ба буҷаи давлатӣ тақрибан **1 600 000 сомонӣ,** ё ин ки 14,5 % маблағҳои воридшавандаи пешбинишударо ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 5**

| | |
|---|---|
| Соли 2023 | 525 286 |
| Соли 2024 | 619 492 |
| Соли 2025 | 447 170 |

## 9. ***Баҳогузории хатарҳо***

Ба амалишавии бобарори нақшаи мазкур ва расидан ба ҳадафҳои он омилҳои дохиливу берунии ба ҳам алоқаманд ва вобаста таъсир расонида метавонанд.

| **Хатарҳо** | **Чораҳои вокуниш** |
|---|---|
| **Омилҳои беруна** | |
| *сиёсӣ* – дигаргуншавии вазъи сиёсии кишвар ва ҷаҳон | - тавсеаи ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ дар ҷодаи лоббикунӣ ва тарғиби равандҳое, ки ба фароҳам овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ барои фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ нигаронида шудаанд. |
| *табиӣ* - офатҳои экологӣ ё фалокати табиӣ | - идомаи ташкили захираи воситаҳои пулӣ, ки фаъолияти Ташкилотро бидуни маблағгузории иловагии беруна на камтар аз ду сол таъмин менамояд. |
| *юридикӣ* – номукаммалии қонунҳои мавҷуда ва ба тасвиб расидани қонунҳои нави табъизкунанда | - тавсеаи ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ дар ҷодаи лоббикунӣ ва тарғиби равандҳое, ки ба фароҳам овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ барои фаъолияти |

| | |
|---|---|
| | ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ нигаронида шудаанд. |
| *иқтисодӣ* - тағйирот дар низоми андоз, санксияҳо ба муқобили давлат, зарар аз ноустувории қурби асъор, пеш аз мӯҳлат қатъ шудани маблағгузории лоиҳа ва ғайра. | - пешбинӣ кардани пардохти ҷубронпулӣ ва пӯшонидани хароҷоти Ташкилот ҳангоми бастани созишномаҳо ва шартномаҳои грантӣ |
| **Омилҳои дохилӣ** | |
| *ташкилӣ,* ки бо идоракунии нодуруст ва мақсадгузории ғалат алоқаманд аст | - такмили расмиёт ва тартиботи ташкилӣ, ки ба такмили механизми идоракунӣ ва фаъолият нигаронида шудаанд;<br>- дуруст банақшагирии ҷории тақсимоти захираҳо барои иҷрои ӯҳдадориҳои лоиҳавӣ;<br>- таъмини таҳияи оқилонаи буҷаи маблағҳои грантӣ, пешгӯии вазъи молиявии захираҳо, даромад ва хароҷот ва пайгирии азхудкунии маблағҳои лоиҳаҳои амалишаванда |
| *сатҳи нокифояи тахассусии кормандон* ва набудани таҷрибаи лозима | - таъмини назорат ва баҳогузории мунтазами натиҷаҳои фаъолияти хидматӣ ва андешидани чораҳои ислоҳии дахлдор;<br>- беҳтаргардонии сохтори ташкилӣ бо назардошти вазъи молиявӣ ва талаботи Ташкилот;<br>- ҳавасмандгардонии кормандон барои омӯзиш |
| *муҳити номусоиди маънавию равонӣ дар коллектив* | - ташкили муҳити мусоиди маънавию равонӣ дар коллектив |
| *кори барзиёди кормандон* ва дар натиҷа – *аломати хастагии рӯҳӣ* | - идома додани амалҳо оид ба пешгирии хастагии ҷисмонӣ, равонӣ ва эҳсосотии кормандон;<br>- баланд бардоштани ҳавасмандии кормандон бо роҳи фароҳам овардани имконият барои рушди шахсӣ, ҳавасмандгардонии моддию ғайримоддӣ, беҳтар намудани дастгирии иҷтимоӣ, зиёд кардани музди меҳнат ва беҳтар намудани шароити меҳнат. |
| *шахсӣ* – шӯҳратпарастӣ, хоҳишҳои аз ҳад зиёди кормандон вобаста ба андӯхтани донишҳои нав, омӯхтани равияҳо ва усули меҳнат, камолоти шахсӣ | - вусъат бахшидани иқтидори тахассусии кормандон, жарфтар кардани дониши касбии онҳо, ҳавасманд намудани хоҳиши онҳо барои ба даст овардани малака ва донишҳои нав |